## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Миралиевич ба таҳқиқи ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ, сохторӣ ва ташаккули калимаву ибораҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») бахшида шудааст. Ҳарчанд оид ба мардумшиносӣ, таърих, ҷуғрофия ва дигар масоили марбут ба сокинони Варзоб баъзе қайдҳо мавҷуд бошанд ҳам, калимаву ибораҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ дар лаҳҷаи мардуми ин минтақа бори аввал таҳқиқ гардидааст, ки дастоварди нави муҳимми илмӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон, маводи диссертатсияи мавриди назар имкон дорад барои таҳияи фарҳангномаҳои соҳавӣ ва дигар луғату фарҳангҳо дар самти лаҳҷашиносӣ мусоидат намояд.

Диссертатсия аз 3 боб иборат аст. Муҳтавои бобҳо идомаи мантиқии якдигар буда, пайдарҳамии таҳқиқро таъмин намудаанд. Муаллиф ҳар бобу фаслро ба таври алоҳида хулоса ва натиҷагирӣ кардааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилист. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 10 мақола, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Миралиевич истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Бо мақсади мутобиқ намудани мавзуи диссертатсия ба меъёри забони тоҷикӣ комиссияи ташхис пешниҳод менамояд, ки унвони диссертатсия аз шакли **«Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)»** ба шакли **«Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)»** тағйир дода шавад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

- **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви вобастаи АМИТ,
узви Шурои диссертатсионӣ Султон Ҳ.Б.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви Шурои диссертатсионӣ Нуров П.Г.

доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Гадоев Н.

«13» марти соли 2023